# ТАҚРИЗ

**ба рисолаи номзадии Ҷурабоева Ҳикоят Неъматовна дар мавзӯи "Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбури асал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон**

Бо зиёд гардидани шумораю масоҳати худудҳои махсус ҳифзшаванда, аз қабили Боғҳои миллӣ, мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, мавҷуд будани 2500 намуди растаниҳои худрӯй ва 150 намуди растаниҳои киштшаванда, дарахтони мевадиҳанда, растаниҳои алафӣ, ки он манбаи гарди гул буда, имкон медиҳад барои тараққиёт ва таъмин намудани оилаҳои занбӯрон бо маводҳои ҳаётан муҳим, яъне шаҳду гард мусоидат намоянд. Чунки муайян гардидааст, ки 80-85%-и растаниҳо аз ҳисоби занбӯрони асал гардолуд мешаванд.

Дар робита ба ин аз гуногунии биологии табиати Тоҷикистон ва растаниҳои энтомофилӣ соҳаи занбӯриасалпарварӣ дарояндаи наздик бо базаи мустаҳкам ва устувор метавонад ба яке аз соҳаҳои сердаромад дар ҷумҳурӣ табдил ёбад.

Яке аз масъалаҳои рӯзмарраи замони муосир ва барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ ин муайян намудани таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯрон ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал мебошад. Дар робита ба ин самаранокии гардолудкунӣ ва ҳам ҳосилнокии оилаҳои занбӯри асал асосан бо сифати модарзанбӯр, қувват ва сифати оилаҳои занбӯри асал, ки аз ин омилҳо вобаста аст, таъмин карда мешавад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот аз он иборат аст, ки таҷрибаҳои гузаронидаи довталаб вобаста ба таъсири омилҳои экологию биологӣ ба хусусиятҳои тухмгузории модарзанбӯр, зимистонгузаронии оилаҳои занбӯрони асал, афзоишёбии оилаҳо ва хусусиятҳои физиологии занбӯрон, ки дар шароити ҷумҳурӣ аввалин бор мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст, актуалӣ будани масъаларо нишон медиҳад.

Муаллиф дар асоси тадқиқоти илмии худ бори аввал таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузорӣ ва маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон гузаронидаро омӯхта, маълумотҳои асосноки илмиро ба даст овардааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ собит менамояд, ки афшурдаи кирминаи нарзанбӯр ва таъсири он ба маҳсулнокии оилаҳои занбӯрони асал дар шароити ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва зиёд намудани шумораи оилаҳои занбӯр таъсири худро мегузорад.

Ҳиссаи иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот онро тасдиқ мекунад, ки бештари иҷрои фоизи ҳаҷми умумии рисола аз ҷониби худи довталаб ба анҷом расонида шудааст. Муаллиф ба таври мустақилона бо усули Ҷентер дар баробари дигар усулҳо(Демари, Гопка, Чайкин) бартарияти онро дар шароити Тоҷикистон нишон дода, афзоиш ва дигар хосиятҳои биологии модарзанбӯрро ба роҳ монда, онро истифода

намудааст. Инчунин таъсири омилҳои экологию биологиро ба тухмгузории модарзанбӯрони офаридашуда омӯхта, онро дар истеҳсолот истифода бурдааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ҳолати зимистонгузаронӣ, миқдори насл, парвози занбӯрон, вазни гарди гул ва шаҳди овардаи занбӯрони корӣ ва маҳсулнокии оила, омӯзиши таъсири омилҳои биологӣ таъсири хӯрокаҳои серғизоро дар натиҷаи ҷуфтшавии зоти карпатӣ бо занбӯрони маҳаллӣ дар оилаҳои таҳқиқотӣ муайян намуда, таъсири онро ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳо нисбат ба оилаҳои назоратӣ мушоҳидаҳои илмиро анҷом додааст.

Дар рисолаи илмӣ ҳам хатоҳои грамматикӣ ва ҳам хатоҳои техникӣ мавҷуданд, вале ин камбудиҳо ба қубҳ ва мазмуни рисола таъсиррасон нестанд. Довталаб аз ӯҳдаи вазифаҳо ва ҳадафҳои ин тадқиқот бомуваффақият баромадааст. Маълумотҳояш боварибахш ва муътамад буда, барои тадқиқоти минбаъдаи назариявию амалӣ асос шуда метавонад.

Рисолаи номзадии Ҷурабоева Ҳикоят Неъматовна дар мавзӯи “Таъсири омилҳои экологию биологӣ ба тухмгузории модарзанбӯр ва маҳсулнокии оилаҳои занбури асал дар шароити ноҳияи Кушониёни вилояти Хатлон тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар мавзӯи актуалии дорои таваҷҷӯҳи бешубҳа илмӣ ва амалӣ буда, ба ихтисоси “06.02.10. - зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ” комилан мувофиқ аст.

Рисолаи илмӣ аз нигоҳи аҳамият, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, ҳаҷми тадқиқоти анҷомдодашуда ба талаботи “Низомномаи намунавӣ дар бораи шӯроҳои диссертатсионӣ”, “Дар бораи додани унвони илмии номзади илм ва доктори илмҳо дар шӯрои диссертатсионӣ” -и Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҷурабоева Ҳикоят Неъматовна барои гирифтани унвони илмӣ - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.10. - зоотехнияи хусусӣ, технология ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ сазовор мебошад.

Муовини сардори Раёсати робитаҳои байналмилалӣ,
илм ва татбиқи дастовардҳои илмӣ-и Вазорати
кишоварзӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ Солиев Ш. Т.

Нишонӣ: 734064, ш. Душанбе,
кӯчаи. Шамсӣ 5/1тел.:(+992 37) 2353968;
(+992) 935151965, shamsiddin65@inbox.ru

Имзои Солиев Ш. Т.-ро
Тасдиқ менамоям:
Муовини сардори Раёсати кадрӣ ва
таъминоти ҳуқуқӣ-и Вазорати кишоварзӣ Усманова Ҳ. Ҳ.